18 06 2019

**Икдоми беназири Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар мавриди баргардондани 84 кӯдак ва ноболиги точик, ки бо волидони гумрохшудаи худ дар Ирок карор доштанд, хам дар дохил ва хам дар хоричи кишвар таассуроти амикеро дар дили миллионхо нафар бокӣ гузошт. Зеро кӯдакону наврасони ба Ватан овардашуда, фарзандони аъзои гурӯхи ба ном «Давлати исломӣ» мебошанд, ки дар чангхои Ховари Миёна, бахусус Ирок, кушта ва ё зиндонӣ шуда, то ин дам дар шароити ногувор ба сар мебурданд.**

Ин ташаббуси инсонпарваронаи Пешвои муаззами миллат дар сатхи байналмилалӣ низ мавриди ситоишу пайравӣ карор гирифта, бори дигар гуманизму инсондӯстии дарачаи олии Сарвари давлатро собит сохт. Гузашта аз ин, исбот шуд, ки Президенти махбуби кишвар нисбат ба такдири хеч як нафар шахрванди ин сарзамин бетараф нестанд ва дар идомаи талошхои босамари худ, икдомеро рӯи даст гирифтанд, то тифлони маъсуму бегунох дар панохи давлат бошанд.
Ман аз бардоштхои шахсии худ дар баробари ин икдоми башардӯстона бовар хосил намудам, ки чунин муносибати некбинонаи Сарвари давлат эътикоду ихлоси хамагонро як бар чанд меафзояд ва дар таърих бо хотирахои нек сабт мешавад. Мо иборахои халкии "дар сояи давлати касе будан", "дар панохи давлати касе будан" - ро бисёр истифода мебарем, ки рамзист. Вале, борхо амалан дидем, ки "соя"- ву "панох"- и Сарвари гамхори кишварамон барои хама аст. Ин арзиши воло дар вучуди Пешвои хакикие буд, ки баробари ба даст гирифтани зимоми давлатдорӣ дар давраи басо мушкили таърих рохи фардои миллатро рӯшан сохт. Агар ба таърихи кушишу талошхои Пешвои муаззами миллат назар андозем, хайрати абармардоне чун Раиси вакти Чумхурии Исломии Афгонистон мархум Бурхониддини Раббонӣ ва шахид Ахмадшохи Масъуд нисбат ба корномахои бебоконаи Сарвари мо ба хотир меоянд. Онхо аз он дар хайрат буданд, ки замоне Эмомалӣ Рахмон чон ба каф гирифта, ба мукобили тиру туфанг бо дасти холиву дили пок барои мулокот бо мухолифон ба Афгонистон рафтанд. Ин ду марди бузург, ки тачрибаи зиёди чангиву муохидавӣ доштанд, бовар накарданд, ки вохӯрӣ хуб меанчомад. Вале иродаи кавиву беназири Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дастболо шуд ва нихоят мо ба сулху вахдати комил даст ёфтем. Хамчунин, тамоми гурезахо ба Ватан баргардонда, ба зиндагии осоишта фаро гирифта шуданд.
Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон

мухтарам Эмомалӣ Рахмон нисбат ба фарзонагону шахсони номвари миллат таваччухи амик зохир намуда, онхоро хамеша дастгирӣ мекунанд. Ин аст, ки хамеша дар сафархои дохиливу хоричиашон бо онхо дидору мулокотхои хоса анчом медиханд. Мо дар ёд дорем, Сарвари давлат зимни сафаре ба Федератсияи Россия бо Нависандаи халкии Точикистон мархум Сотим Улугзода мулокот намуда, аз холу ахволи эшон пурсиданд ва зери парастории Хукумати чумхурӣ карор доданд.  Барои аз ИМА ба зодгох баргаштани Шоири халкии Точикистон Бозор Собир мусоидат намуданд. Академик Акбар Турсонро низ аз Амрико ба Ватан оварданд. Ба ин монанд, даххо мисол метавон овард, ки аз Сарвари гамхору Пешвои хакикии халк будани мухтарам Эмомалӣ Рахмон дарак медиханд.
Инак, рӯйдоди мавриди назар касеро бетараф гузошта наметавонад, ки Президенти Чумхурии Точикистон нисбат ба фарзандони шахсони гумроху фирефташудае, ки ба номи давлату миллат иснод оварданд, чи амали хайреро раво диданд. Ин аст макоми олии Сарвари халк будан, ки бархак, боиси ифтихору сарфарозии мо мардуми Точикистон аст, ки чунин Пешвои окилу ботадбир дорем.

**Туграл ШОКИРОВ, сокини шахри Хучанд**